# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Тиллозода Анваршо Абдулҳақ дар мавзуи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 –Таърихи ватанӣ).**

Истиқлоли давлатӣ фазои озоди мусоидро барои рушди тамоми самтҳо аз ҷумла, таҳқиқу омӯзиши муҳимтарин масъалаҳои таърих ва фарҳанги халқи тоҷик фароҳам овард. Муаррихон имконият пайдо намуданд, ки ба воқеаву рӯйдодҳои таърихи халқамон бо диду назари нав таваҷҷуҳ намуда, онро аз нигоҳи дастовардҳои илми муосири таърихнигорӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор диҳанд.

Таҳқиқи равандҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол яке аз мавзуҳои мубрам ба ҳисоб меравад ва аз ин нуктаи назар мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ Тиллозода А.А. аҳаммияти назариявӣ, илмӣ, маърифатӣ ва амалиро касб менамояд. Рӯйдодҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангие, ки дар охири асри XX – ибтидои асри XXI дар ҳаёти халқи тоҷик ба вуҷуд омад, тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеаро куллан дигаргун сохта, Тоҷикистон аз як марҳилаи таърихии замони шӯравӣ ба марҳилаи комилан нав – даврони соҳибистиқлолӣ ворид гардид. Таҳлилу натиҷагирӣ ва хулосабардорӣ аз ин ҳодисаву рӯйдодҳо барои дарки дурусти ин марҳилаҳо ва муайян намудани дурнамои таҳқиқотҳои минбаъда ва рӯ овардан ба масъалаҳои меҳварӣ ва калидии ҷомеаи тоҷикон кумак ва мусоидат хоҳад кард. Аз ин лиҳоз, мубрамият ва арзиши илмии рисолаи тақризшаванда дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф муҳимтарин масъалаҳои замони таҳқиқотро аз диду назари нав ба доираи таҳқиқот кашидааст.

Муаллифи диссертатсия дар пояи истифодаи сарчашмаҳо. асноди муҳими бойгониҳо, таҳқиқотҳои муҳаққиқон дуруст зикр менамояд. ки

таҳқиқу омӯзиши мавзуи мазкур имконият медиҳад, ки ба мазмуну моҳияти аслии воқеаву рӯйдодҳои охири асри XX – ибтидои асри XXI дуруст сарфаҳм равем ва онро воқеъбинона арзёбӣ намоем. Диссертант дар асоси услуб ва василаҳои муосири таҳқиқоти илмӣ тавонистааст, ки дар доираи рисолаи номзадӣ тамоми масъалаҳои марбут ба мавзуи таҳқиқотро ҳамаҷониба таҳлил намояд. Арзиши илмии диссертатсияи Тиллозода А.А. дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқоти илмӣ ва тавсияҳои муаллиф барои пажӯҳишҳои минбаъда ва амиқтар омӯхтани хусусият ва хислати равандҳои ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои дар ҷамеаи мо баамаломада мусоидат хоҳад кард.

Навгонии диссертатсия аз он иборат аст, ки таҳқиқоти мазкур нахустин пажӯҳиши ҳамаҷониба (комплексӣ) дар самти таҳлилу ҷамъбасти назариявӣ ва илмию амалии омӯзиши муҳимтарин тағйиротҳои иқтисодӣ-иҷтимоии замони таҳқиқот маҳсуб меёбад. Ба муаллиф муяссар шудааст, ки сохтори рисоларо аз лиҳози мантиқӣ дуруст таҳия намуда, минбаъд дар бобҳо ва зербобҳои диссертатсия муҳимтарин масъалаҳо ва вазифаҳои дар пеши худ гузоштаашро собитқадамона ҳаллу фасл намояд. Мазмун ва мӯҳтавои бобҳо ва зербобҳои диссертатсия ба номи онҳо мувофиқат менамояд.

Таҳлили қисмати муқаддимавии диссертатсия собит месозад, ки муаллиф мақсад, ҳадаф, объект, предмети таҳқиқоти худро ба таври саҳеҳ дарк ва муайян намуда, онро дар ҷараёни таҳқиқот дар пайванди мантиқии ҳодисаву рӯйдодҳо инъикос намудааст.

Боби аввали диссертатсия **«Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон дар солҳои бозсозии Шуравӣ (1985-1991)»** ном дошта, дар он вазъи сиёсии Тоҷикистон дар даврони бозсозии горбачёвӣ ва оқибатҳои он барои ҷумҳурии мо, тағйиротҳо дар ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ, бӯҳрони иқтисодӣ ва коҳиш ёфтани сатҳи зиндагии мардум мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар зербоби аввали диссертатсия муаллиф вазъи сиёсии ҷумҳуриро дар замони бозсозӣ таҳқиқ намуда, зикр намудааст, ки дар

натиҷаи он вазъи иқтисодиву иҷтимоии Тоҷикистон ба бӯҳрони шадид гирифтор шуда, тамоми соҳаҳои ҳаёти хоҷагии халқ рӯ ба пастравӣ мениҳад. Дар диссертатсия дар асоси маълумоти сарчашмаҳо, ҳисоботҳои оморӣ, таҳқиқотҳои илмӣ сабабҳо, решаҳо ва омилҳои бӯҳрон нишон дода шудаанд. Муаллиф дуруст зикр менамояд, ки гарчанде ҳадафи бозсозӣ аз бӯҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, ғоявӣ ва маънавӣ раҳонидани ИҶШС буд, аммо бозсозӣ ба фоҷеа анҷомида, сабаби аз байн рафтани давлати абарқудрати шӯравӣ гардид. Дар диссертатсия сабабҳои ин фоҷеа ва шикасти ғояи бозсозӣ, омилҳои муташанниҷ гаштани вазъи ҷомеа, буҳрони иҷтимоӣ, афзудани эътироз ва норозигии мардум, тезутунд шудани масъалаҳои миллӣ, сиёсати нодурусти кадрӣ ва муносибат ба таъриху фарҳанги ҷумҳуриҳои миллӣ аз ҷониби ҲКИШ ва Ҳукумати марказӣ мавриди таҳлил, омӯзиш ва хулосабарорӣ қарор гирифтаанд.

Зербоби дуюми боби аввали диссертатсия ба инъикоси тағйирот ва таҳаввулоти куллие, ки дар ҳаёти ҷумҳурӣ дар охири солҳои 80 ва ибтидои солҳои 90-уми асри XX ба амал омадаанд, бахшида шуда, зикр мегардад, ки маҳз авзои ноором, бесуботӣ дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии мамлакат боиси муташанниҷ гаштани вазъи ҷомеа ва буҳрони шадид дар ҳаёти мардум, паст рафтани сатҳу сифати зиндагӣ, мураккаб ва торафт печида гаштани мушкилоти ҷомеаи Тоҷикистон гардиданд. Диссертант зикр менамояд, ки доир ба масъалаҳои дар боло зикршуда миёни муҳаққиқон, таҳлилгарон афкору андешаҳои гуногун вуҷуд доранд. Баъзе муҳаққиқон агар ин рӯйдодҳоро воқеъбинона таҳлил намоянд, дар баъзе ҳолатҳо инъикоси яктарафа мушоҳида мегардад.

Дар боби дуюми диссертатсия – **«Дигаргуниҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ (1991-2000)»**, ки фарогири ду зербоб аст, вазъи иқтисодии Тоҷикистон дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ, ба даст овардани сулҳу оштии миллӣ таҳлил карда шудааст. Зербоби аввали боби дуюми диссертатсия

ба таҳқиқи сабабҳои асосии бӯҳрони сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар Тоҷикистон, ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шудани ҷумҳурӣ ва оқибатҳои фоҷеабори он бахшида шудааст. Диссертант дар радифи сабабҳо, омилҳо ва ангезаҳои асосии ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон зикр менамояд, ки яке аз омилҳои он ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои гуногуни ба арсаи сиёсат қадамниҳода буданд, ки мехостанд ба василаҳои ғайриқонунӣ – ташкили гирдиҳамоиҳои тулонӣ, таҳдиду куштор, гаравгонгирӣ, қонуншиканӣ ба сари қудрат оянд. Омили дигари ҷанги шаҳрвандӣ ин надоштани таҷрибаи кофии идоракунии давлат, набудани сарвари (лидери) сиёсии миллӣ, ҷасорати шахсии сарвари давлат буд. Диссертант ба хулосаи дуруст омадааст, ки мубориза҃ҳои солҳои 90-ум ихтилофи неруҳои сиёсӣ, ки ҳар яки онҳо манфиатҳои худро ҳимоя мекарданд, Тоҷикистонро ба буҳрони амиқи иҷтимоиву иқтисодӣ рӯ ба рӯ намуд.

Дар зербоби дуюм муаллиф ба таҳлили вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии ноустувор ва буҳрони саросарӣ таваҷҷуҳ намуда, зикр менамояд, ки пошхӯрии ИҶШС, канда шудани ҳамкорӣ ва равобити иқтисодӣ миёни ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз кор мондани садҳо корхонаҳо, афзудани сафи бекорон боиси мураккаб гаштани вазъи сиёсии ҷумҳурӣ гардид. Дар диссертатсия дар бораи зарари ҷанги шаҳрвандӣ ба иқтисодиёти кишвар, хисороти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, молӣ, ҷонӣ ва маънавии рақаму далелҳои мушаххас оварда мешавад. Диссертант дуруст хулоса менамояд, ки ба даст овардани сулҳу ваҳдат дар Тоҷикистон ин пеш аз ҳама хиради азалии мардуми тоҷик, заҳматҳои шабонарӯзии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун фарзанди сарсупурдаи миллат дар роҳи хотима гузоштан ба ҷанги бародаркуш ва раҳонидани Тоҷикистон аз вартаи ҳалокат ва фаношавӣ чун давлати соҳибистиқлол буд.

Дар боби сеюм диссертатсия **«Беҳтар шудани вазъияти иқтисодии кишвар ва болоравии сатҳи зиндагӣ дар солҳои (2000-2016)»**, ки аз ду зербоб иборат аст, сухан дар бораи дигаргун шудан ва рӯ ба беҳбудӣ

овардани вазъи иқтисодии кишвар тадриҷан беҳтар шудани вазъи зиндагии мардум дар натиҷаи татбиқи амалии чорабиниҳои Ҳукумат меравад. Зербоби аввали боби сеюми диссертатсия ба таҳлилу таҳқиқи стратегияҳои Ҳукумати Тоҷикистон дар роҳи таъмини рушди устувори иқтисодӣ, ислоҳот ва дастовардҳо дар ин самт бахшида шудааст. Дар диссертатсия зикр мегардад, ки татбиқи стратегияҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ василаи калидӣ дар таъмини рушди ҳамаҷонибаи иқтисодиёти кишвар гардид. Таҳаввулот дар иқтисодиёти мамлакат тамоми самтҳо – саноат, кишоварзӣ, энергетика, роҳу нақлиёт, бунёди корхонаҳои хурду бузург, соҳибкорӣ ва ғайраро дар бар гирифта, дар натиҷа Тоҷикистон қадам ба қадам ба роҳи рушди устувори иқтисодӣ ворид гардида, вазъи иҷтимоии мардум рӯз аз рӯз рӯ ба беҳбудӣ ниҳод. Ин комёбиҳо дар натиҷаи сиёсати оқилонаи Ҳукумати Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омаданд.

Зербоби дуюми боби сеюми диссертатсия ба таҳлилу таҳқиқи сиёсати иҷтимоии Ҳукумати мамлакат дар роҳи таъмини некӯаҳволии мардум, таъмини амнияти озуқаворип кишвар, фароҳам овардани зиндагии шоиста барои тамоми мардуми кишвар бахшида шудааст. Дар диссертатсия зикр мегардад, ки аз рӯзҳои нахустини ба даст овардани истиқлоли миллӣ то имрӯз дар меҳвари сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон беҳтар намудани бахтар намудани вазъи иҷтимоии мардум ва ҳалли масъалаҳои муҳимтарини марбут ба ин соҳа қарор дорад. Дар рисола оид ба Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, тадриҷан коҳиш ёфтани он, тадбирҳои амалии Ҳукумат дар ин роҳ далелу рақамҳои дақиқ ва мушаххас оварда мешавад.

Диссертатсияи Тиллозода А.А. дар баробари комёбиҳо аз баъзе камбудиҳо орӣ нест ва барои ислоҳи онҳо дар таҳқиқотҳои минбаъда таваҷҷуҳи муаллифро ба чанде аз онҳо ҷалб намудаем.

**Аввалан,** маълум аст, ки дар илми таърихнигории муосир нисбат ба воқеаву рӯйдодҳои давраи таҳқиқот дар байни муаррихон се равия ё

муносибат: а) нигилизм (тамоман рад кардан ё беэътиноӣ ба давраҳои муайяни таърих, масалан, давраи шӯравӣ); б) аз ҳад тавсифу таъриф кардани ин ё он давраи таърихӣ (идеализатсия); в) прагматизм (муносибати воқеъбинона)-ро мушоҳида кардан мумкин аст. Агар муаллиф ҳангоми таҳлили адабиёт дар қисмати "Дараҷаи таҳқиқоти мавзӯъ" ба адабиёти истифодашуда аз чунин нуктаи назар баҳо медод ва онҳоро арзёбӣ менамуд, арзиши рисола боз ҳам меафзуд.

**Дуюм,** ҳудуди хронологии диссертатсия ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон ва дигаргунсозиҳоро аз даврони бозсозӣ то соли 2016 дар бар мегирад, ки дар доираи як таҳқиқоти илмӣ тамоми ҷанбаҳои масъаларо таҳлил намудан аз имкон берун аст. Агар муаллиф дигаргуниҳо ва тағйиротҳоро дар як самти муайян интихоб ва таҳқиқ менамуд, арзиш ва аҳаммияти диссертатсия боз ҳам меафзуд.

**Сеюм,** дар диссертатсия таваҷҷуҳ ба соҳаи иқтисодиёт, саноат, маориф ва илм зоҳир гардида, аммо пешрафти соҳаи фарҳанг, ки яке аз самтҳои муҳими ҳаёти иҷтимоӣ мебошад, аз назари муҳаққиқ берун мондааст.

**Чорум,** ба андешаи мо агар муаллиф аз маводи бойгонӣ бештар истифода менамуд, арзиши диссертатсия ба маротиб меафзуд, зеро навгонӣ ва арзиши ҳама гуна кори илмӣ пеш аз ҳама ба пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқот, яъне истифодаи маводи бойгониҳо вобаста аст.

**Панҷум,** дар диссертатсия истифодаи адабиёт ва таълифоти муҳаққиқони хориҷӣ кам ба назар мерасад. Барои таҳқиқи объективона истифодаи адабиёти олимони хориҷӣ, хосатан муҳаққиқони Россия аз манфиат холӣ нест.

**Шашум,** дар рисола баъзе ҷумлаҳои таҳрирталаб, камбудиҳои имлоӣ, чопӣ, техникӣ ба назар мерасад.

Бояд зикр намуд, ки камбудиҳои зикршуда хислати принсипиалӣ (усулӣ) надошта, онҳо ислоҳшаванда мебошанд ва арзиш, аҳаммияти диссертатсияро коста намесозанд.

Дар асоси гуфтаҳои дар боло зикршуда метавон чунин хулоса намуд, ки диссертатсияи унвонҷӯ Тиллозода А.А. дар мавзуи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри ХХ ва аввали асри XXI» таҳқиқоти нав, аз лиҳози мантиқӣ бaанҷомрасида ба ҳисоб рафта, ба талаботи бандҳои 31,33,34,35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳояш аз 26-уми июни соли 2024 таҳти №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Муқаризи расмӣ:**
доктори илмҳои таърих,
профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики
Донишгоҳидавлатии Хуҷанд ба
номи академик Б. Ғафуров Набизода В.М.

**Имзои профессор Набизода В.М.-ро**
**Тасдиқ менамоям:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДХ
ба номи академик Б.Ғафуров Сайдуллозода З.С.
29.12.2025

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Телефон: (992-3422)6-52-73;
факс: (992-3422)6-75-18 E-mail: rector@hgu.tj